**Хулосаи**

**Комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-011-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар робита ба қабули диссертатсияи Зулфонов Шаҳриёр Мулозулфонович “Татбиқи ҳисоби оператсионӣ дар ҳалли баъзе синфҳои муодилаҳои дифференсиалӣ ва интегро-дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D.060100-Математика: 6D.060102-Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ**

Диссертатсияи мазкур характери назариявӣ дорад ва он ба татбиқи табдилоти интегралии Лаплас-Карсони функсияҳои дутағирёбанда барои пайдо кардани ҳалли ошкори муодилаҳои дифференсиалӣ ва интегро-дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ бахшида шудааст. Масъалаҳои ибтидоӣ-канорӣ барои муодилаи ғайриякҷинсаи транспорт, муодилаи дифференсиалии телеграф, муодилаи интегро-дифференсиалии телеграф ва муодилаи Фучита бо ҳосилаи тартиби касрӣ аз рӯи вакт мавриди тадқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Класси ядроҳои дар ҳолати муодилаи интегро-дифференсиалии телеграф ва муодилаи Фучита баррасишуда бори аввал оварда мешаванд. Ҳолатҳои хусусие, ки пештар тадқиқ карда шудаанд хеле содда ба назар мерасанд.

**Комиссия қайд мекунад, ки:**

— мавзӯъ ва мазмуни диссертатсия ба паспорти ихтисоси 6D.060102-Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ мувофиқат мекунад;

— автореферати диссертатсия мӯҳтавои кӯтоҳи диссертатсияи пешниҳодшударо пурра инъикос мекунад;

— кори диссертатсионӣ дар чорчӯбаи нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи анализи математикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба иҷро расонида шудааст;

— натиҷаҳои тадқиқоти дар диссертатсия овардашуда дар шакли 10 кори илмӣ, ки аз онҳо 4-тояш дар журналҳои ба рӯйхати аз тарафи КОА-и назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида дохил мешаванд, чоп карда шудааст;

— дар диссертатсия ба сарчашмаҳои илмӣ, ки аз онҳо дар рафти тадқиқот истифода бурда шудааст, иқтибосҳои дуруст оварда шудааст;

— натиҷаҳои илмии дигар олимон, ки ба мавзӯи диссертатсия наздикӣ доранд, ба таври муфассал таҳлил карда шудааст.

Диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя аз рӯи ихтисоси 6D.060100-Математика: 6D.060102-Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-011-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод кардан мумкин аст.

Дар шӯрои диссертатсионии номбурда 6 нафар докторони илм: М. Илолов, Н. Раҷабов, Г. Ҷангибеков, О. Каримов, С. Байзоев ва Ф. Шамсиддинов аъзо ҳастанд ва ҳамаи онҳо мутахассисони аз рӯи самти диссертатсияи пешниҳодшаванда мебошанд.

**Комиссияи экспертӣ пешниҳод мекунад:**

1. Ба диссертатсияи мазкур ба сифати муассисаи пешбар Институти математикаи ба номи А. Ҷураеви Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.
2. Ба сифати муқарризони расмӣ шахсони зерин пешниҳод карда шаванд:
   — Муҳсинов Едгор Мирзоевич –доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи фанҳои риёзӣ ва табиатшиносии муосири Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
   — Қозиев Гулназар Мавлонназарович- номзади илмҳои физикаю математика, дотсент, мудири кафедраи риёзиёт дар иқтисодиёт-и Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Дар асоси гуфтаҳои боло комиссияи экспертӣ чунин меҳисобад, ки рисолаи диссертатсионии Зулфонов Шаҳриёр Мулозулфонович “Татбиқи ҳисоби операционӣ дар ҳалли баъзе синфҳои муодилаҳои дифференсиалӣ ва интегро-дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D.060100-Математика: 6D.060102-Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ ба самти Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-011-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пурра мувофиқ буда, он барои ҳимоя тавсия карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои физикаю математика,
профессор — Ҷ. С. Сафаров

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои физикаю математика,
дотсент — С. С. Солиев

номзади илмҳои физикаю математика,
дотсент — Б. Шоимкулов

23-09-2025